**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№29**

**аз 18 декабри соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузории ҳуқуқ ба мерос**
***(бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №35 ворид гардидааст)***

Натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидани парвандаҳои граждание марбут ба муносибатҳое, ки аз ҳуқуқи меросӣ бармеоянд муҳокима намуда, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1.Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки яке аз муҳимтарин воситаи таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ ба мерос, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст ин баррасии саривақтии парвандаҳо ва қабули санадҳои дахлдори қонунӣ ва асоснок оид ба баҳсҳои вобаста ба мерос мебошад.

Ба судҳо зарур аст, ки ҳангоми омодасозии парвандаҳо дар бораи мерос имконияти гузаронидани маҷлиси пешакии судиро истифода бурда, ба он диққати махсус диҳанд, ки ба шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшонро фаҳмонанд, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ онҳоро огоҳ созанд, дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намоянд, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ва истифодаи дурусти қонунҳо мавриди ҳалли парвандаҳои мазкур шароит фароҳам оваранд.

2. Вақти омодасозии парванда марбут ба баҳсҳои меросӣ судя бояд талаботи боби 14-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ)-ро ҳатман қотеона риоя намояд.

Ҳамзамон, дар сурати ворид гардидани даъво дар бораи ҳуқуқ ба молу мулки меросӣ ё тақсими он, судя масъалаи пешниҳод намудани шаҳодатнома ё нусхаи шаҳодатномаи хатти вафоти меросгузор, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ворисӣ (шаҳодатнома дар бораи ақди никоҳ, таваллуд, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, маълумотнома аз ҷои зист, доир ба дар таъминоти шахси вафоткарда будан ва ғайра), бақайдгирии молу мулки меросӣ, ҳуҷҷати тааллуқ доштани молу мулки меросӣ ба шахси меросгузор (маълумотномаи Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул», шартномаи хариду фурӯш, ҳадя, мубодила, дафтарчаи амонатӣ, иқтибос аз суратҳисоб ва ғайра)-ро ба миён мегузорад. Дар ҳолате ки пешниҳоди далелҳои зарурӣ барои тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда мушкил бошад, суд мутобиқи дархости онҳо дар ҷамъоварӣ ва талаб карда гирифтани далелҳо мусоидат менамояд.

3. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки доираи ворисон, тартиби мӯҳлати қабули мерос ва ҳайати молу мулки меросиро қонунгузории дар лаҳзаи кушодани мерос амалкунанда муайян мекунад. Агар мероси кушодашуда аз ҷониби яке аз ворисон қабул нагардида бошад ва аз рӯи ҳуқуқи меросгирӣ он то 05 марти соли 2005 ба фоидаи давлат нагузашта бошад, нисбати он меъёрҳои қисми 3-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ), ки аз 05 марти соли 2005 мавриди амал қарор дода шудааст, татбиқ мегардад.

Меросгирӣ ин ворисии универсалии ҳуқуқ ба меросро ифода мекунад, зеро молу мулки

шахси фавтида ба ворисон дар шакли маҷмӯи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад, агар аз қонун тартиби дигаре барнаояд (масалан, ба меросгирии арзиши ҳиссаи шахси вафоткарда дар моликияти умумӣ ҳангоми ғайриимкон будани тақсими молу мулк дар шакли асл, ҳуқуқи меросгузор оид ба васият намудани молу мулки ба ӯ дахлдошта).

4. Бояд дар назар дошт, ки агар ворис воқеъан молу мулки меросиро қабул намуда, ҳуҷҷатҳои дахлдори молу мулки меросӣ ва бо роҳи дигар имконияти гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба меросро надошта бошад, аризаи ӯ оиди муқаррар намудани воқеъияти қабули мерос аз рӯи қоидаҳои дар боби 28-и КМГ баррасӣ карда мешавад.

Дар ҳолате, ки ворис бо яке аз тартиби дар қисми 2-и моддаи 1174 КГ пешбинишуда, ба соҳибияти молу мулки меросӣ воқеъан шурӯъ намуда бошад, вале мақомоти нотариалӣ бо ягон сабаб ба ӯ додани шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгириро рад карда бошад, аризаҳо дар бораи анҷом додани амали нотариалӣ ё рад намудани анҷом додани чунин амал ба тариқи мурофиаи махсус баррасӣ карда мешаванд (боби 37-и КМГ).

Дар сурати аз ҷониби нотариус рад кардани додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ё ин ки баррасии аризаи шахс оид ба муқаррар намудани воқеъияти қабули мерос оид ба ҳуқуқ, тобеияти судӣ баҳс ба миён ояд, суд дар хусуси баррасӣ накардани ариза таъинот мебарорад, ки дар он ҳуқуқи аризадиҳанда ва дигар шахсони манфиатдор ҷиҳати ҳалли баҳс бо тартиби мурофиаи даъво тавзеҳ дода мешавад.

Дар ҳолате ки агар ворис молу мулки меросиро қабул накарда бошад ва он молу мулк ба худидоракунии шаҳрвандон, давлат ё дигар шахс дода шуда бошад, ворис ҳуқуқ дорад дар вақти дилхоҳ ба нотариус барои гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос муроҷиат намояд.

5.Замони кушодани мерос рӯзи (ҳангоми зарурат инчунин лаҳзаи) вафоти меросгузор ва ҳангоми фавтида эълон намудани ӯ рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани қарори суд дар хусуси фавтида эълон гардидани шаҳрванд мебошад, агар дар қарори суд рӯзи дигар нишон дода нашуда бошад.

Нисбати шахсоне, ки баъди вафоташон сафед карда шудаанд, замони кушодани мерос рӯзи аз ҷониби мақомоти дахлдор қабул гардидани қарор оид ба барқарор намудани ҳуқуқҳои шахсони сафедкардашуда дар бораи баргардонидани молу мулки онҳо ё талофи арзиши он ба ворисон, дониста мешавад.

Бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд, асоси кушодани мерос намегардад.

6. Ба ҳайати мерос ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки дар лаҳзаи кушодани мерос ба меросгузор тааллуқ доранд, дохил мешаванд ва пас аз вафоти ӯ барҳам намехӯранд, яъне ин ҳуқуқи моликияти шахсии ба меросгузор таааллуқдошта, ҳуқуқи амонатгузорӣ дар муассисаҳои амонатӣ нигоҳдошташуда, ҳуқуқи талаб кардан, ки аз баъзе ҳуқуқи ғайримолумулкӣ бармеоянд ва ӯҳдадориҳое, ки ба моликияти меросӣ алоқаманданд, ҳуқуқи якумра истифода намудани қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Баъд аз вафоти меросгузор беэътибор донистани шартномаҳои хариду фурӯш, мубодила, ҳадя ва ғайра, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш баста шудаанд, молу мулки ба ҳайати мерос баргардонидашуда ба ҳисоб мераванд.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва манбаҳои дигари ғайримоддии ба меросгузор таааллуқдошта, аз ҷониби ворисон ба амал бароварда ва ҳифз карда мешаванд, ки ин ҳуқуқҳои истисноии шаҳрванд ва шахсони ҳуқуқӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои ба онҳо баробаркардашудаи фардикунонии шахси ҳуқуқӣ, маҳсулот, корҳои иҷрошуда ё хизматрсонӣ (номи фирмавӣ, нишонаи молию хизматрасонӣ ва ғайра) ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, тахти мафҳуми манбаҳои ғайримоддӣ; ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба сирри хизматию тиҷоратӣ ва инчунин ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ фаҳмида мешаванд. Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, ки дар шаклу намуди амиқ ифода ёфтааст, моликияти зеҳнӣ дониста мешаванд.

Ҳуқуқи аъзогӣ дар ҳар гуна кооператив, ташкилоти тиҷоратие, ки шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ҳуқуқи иштирок намудан дар фаъолияти онҳо, агар дигар муқарраротдар қонун ё шартнома ва оиннома пешбинӣ нагардида бошад, ба ҳайати мерос дохил намешавад, аммо ҳиссаҳои меросгузор (ҳаққи пардохти пай (саҳмҳо) ба ҳайати мерос дохил мегарданд.

Агар саҳм моликияти муштараки меросгузор бо дигар шахсон бошад, он гоҳ васиятномаи ӯ танҳо ба қисми саҳме, ки шахсан ба ӯ мансуб аст, дахл дорад.

Васиятномаи меросгузор ба манзили истиқоматии худсарона сохташуда ё ба тариқи дахлдори қонунӣ ба расмият дароварда нашуда, эътибори қонунӣ надорад. Пас аз вафоти меросгузор, танҳо дар ҳолати эътирофи ҳуқуқи моликии ӯ ба ин гуна сохтмон мерос кушодашуда дониста мешавад.

7. Шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда буда, ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда, тибқи васиятнома ва бо қонун меросгир буда метавонанд. Шахсони ҳуқуқӣ ва давлат низ тибқи васиятнома метавонанд ворис бошанд.

8. Аризаи даъвогӣ дар бораи аз мерос бартараф намудани ворисони ношоиста аз ҷониби суд баррасӣ карда мешавад. Барои бартараф кардани ворисони ношоиста ҳолатҳои зерин асос шуда метавонанд: ҳукми суд нисбати шахсе, ки қасдан меросгузор ё яке аз ворисони имконпазирро аз ҳаёт маҳрум сохтааст ё ба ҳаёти онҳо сӯиқасд кардааст, ҳалномаи суд дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ, инчунин падару модар (фарзандхондагон) ва фарзандони болиғ (фарзандхондшудагон), ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои бо амри қонун ба зиммаашон гузошташуда, вобаста ба таъминоти меросгузор саркашӣ намудаанд.

Мавриди баррасии чунин даъвоҳо бояд дар назар дошт, ки ҳаракатҳои шахсони дар қисмҳои 1-2-и моддаи 1145 КГ пешбинишуда, агар бадқасдона содир гардида бошанд, асоси аз мерос бартараф намудани ворисони ношоиста мегарданд. Ҳамзамон, куштори бадқасдонаи меросгузор ё сӯиқасд ба ҳаёти ӯ аз ҷониби ворис бояд бо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ва ҳалномаи суд оид ба маҳрум сохтан аз ҳуқуқи падарию модарӣ собит гардад.

Дар мавриде ки, агар меросгузор дар бораи содир намудани сӯиқасд ба ҳаёти ӯ аз тарафи ворис огоҳ буда, вале пас аз сӯиқасд молу мулкашро ба ворис васият намуда бошад, чунин ворис аз мерос бартараф карда намешавад.

Даъво дар бораи ворисi ношоиста эътироф намудани шахс аз тарафи шахсони манфиатдор дар давоми 3 сол аз лаҳзае, ки ин шахс ихтиёрдории меросро ба даст гирифтааст, ба суд пешниҳод карда мешавад.

Ҳалномаи суд дар бораи рад кардани даъво оиди аз мерос бартараф намудани ворисi ношоиста, барои пешниҳод намудани даъво дар бораи беэътибор донистани васиятнома монеъ шуда наметавонад.

9.Дар ҳолате, ки агар ворис аз мерос даст кашида бошад, ё ин ки бо васиятнома ё аз ҷониби суд ӯ аз ҳуқуқи мерос маҳрум шуда бошад, қисми молу мулки меросие, ки ба ӯ тааллуқ дошт ба ворисони қонунӣ гузашта, байни онҳо мутаносибан бо ҳиссаҳои меросиашон тақсим карда мешавад.

Агар меросгузор молу мулки меросии худро ба ворисони таъинкардааш васият намуда бошад, қисми меросе, ки ба ворисi аз мерос дасткашида ё бартараф карда шуда тааллуқ дошт ба ворисони боқимонда тибқи васиятнома гузашта, байни онҳо мутаносибан бо ҳиссаҳои меросиашон тақсим карда мешавад.

Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои қисми 2-и моддаи 1148 КГ тавзеҳоти дар боло номбаршуда татбиқ намегардад.

10. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки қонунгузор ҳолатҳои ба давлат гузаштани молу мулки меросиро дар моддаи 1149-и КГ муқаррар намудааст.

11.Судҳо дар вақти баррасӣ намудани баҳси меросгирӣ бо васиятнома бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи боби 59-и КГ васиятгар дорои чунин ҳуқуқҳо мебошад:

а) метавонад ҳамаи молу мулк ё як қисми молу мулки худро ба як ё якчанд шахс, ки ба гуруҳи ворисон тибқи қонун дохил мешаванд ё дохил намешаванд, ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқӣ ва давлат васият намояд;

б) бидуни тавзеҳи сабаб як ё якчанд нафар ё ҳамаи ворисонро тибқи қонун аз мерос маҳрум намояд. Аз мерос маҳрум намудани ворис тибқи қонун ба наслҳои ояндаи ӯ, ки тибқи пешниҳод ҳуқуқи меросро доранд, дахл надорад, агар аз васиятнома тартиби дигаре барнаояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки моддаи 1171-и КГ пешбинӣ менамояд.

в) васияткунанда метавонад озодона васиятномаи тартибдодаи худро дар вақти дилхоҳ баъди тартиб додани он бекор намояд ё тағйир диҳад ва вазифадор нест, ки дар ин ҳолат сабабҳои бекор ё тағйир додани онро нишон диҳад;

г) дар ҳолатҳое, ки агар вориси дар васиятнома зикргардида, то кушода шудани мерос вафот намояд, меросро қабул накунад ё аз мерос даст кашад ё ин ки ҳамчун вориси ношоиста бартараф гардад дар васиятнома дигар ворис (вориси иловагӣ)-ро таъин намояд (м.1151-и КГ);

д) ҳуқуқ дорад ба зиммаи ворис тибқи васиятнома иҷроиши ягон ӯҳдадориро аз ҳисоби мерос (супориши васияткунандаи мерос) ба манфиати як ё якчанд шахс (меросгирандагон), ки ҳуқуқи талаб намудани иҷрои супориши васияткунандаи меросро ба даст меоранд, вогузорад.

е) метавонад ба зиммаи ворис тибқи васиятнома ӯҳдадории анҷом додани ягон амал ё аз он худдорӣ намуданро вогузорад.

Тибқи қонун ҷиҳати анҷом додани мақсадҳои барои умум судманд чунин ӯҳдадорӣ мумкин аст ба иҷрочии васиятнома бо аз тарафи меросгузор ҷудо намудани як қисми молу мулк барои иҷрои базиммагузорӣ дода шавад.

Нисбати базиммагузорӣ, ки мавзӯи он фаъолияти дорои хусусияти молу мулкӣ мебошад, қоидаҳои дар моддаҳои 1152 ва 1155-и КГ татбиқ карда мешаванд.

Ӯҳдадории иҷрои базиммагузорӣ ҳамон вақт қатъ мегардад, агар мутобиқи ҳамин Кодекс ҳиссаи меросӣ ба ворис пешбинишаванда ё дахлдошта, ки иҷрои базиммагузориро ба ӯҳда дошт, ба дигар ворисон гузарад.

Як қисми молу мулки меросгузор, ки васият карда нашудааст, мутобиқи қонун бо тартиби умумӣ байни ворисон тақсим карда мешавад. Ба ҳисоби ин ворисон инчунин меросгироне дохил мешаванд, ки тибқи қонун қисми дигари молу мулк бо васиятнома ба онҳо монда шуда буд.

12. Васиятнома аҳд мебошад, аз ин рӯ ба он муқарраротӣ умумӣ дар бораи аҳдҳо паҳн мегардад (боби 7 КГ).

Васиятномае, ки дар шакли номатлуб тартиб дода шудааст, беэътибор мебошад. Беэътибории васиятнома ҳамчунин ба қоидаҳои ҳамин Кодекс дар хусуси беэътибор будани аҳдҳо асос меёбад.

Беэътибор будани мазмуни алоҳидаи фармоишҳои дар васиятнома буда ба эътиборнокии қисмати дигари васиятнома дахл надорад.

Дар ҳолати беэътибор донистани васиятнома вориси тибқи ҳамин васиятнома аз мерос маҳрумгардида ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар асосҳои умумӣ ба мерос соҳиб шавад.

Судҳо ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳо дар бораи беэътибор донистани васиятнома бо асосҳои моддаи 202 КГ, бояд дарназар дошта бошанд, ки сабабҳои дар асоси онҳо шаҳрванд ҳангоми тартиб додани васиятнома қобилияти дарк кардани маънои ҳаракатҳои худ ё идора намудани онҳоро надошт, аҳамият надоранд. Инҳо метавонанд беморӣ (аз ҷумла бемории рӯҳӣ), истеъмол намудани машруботҳои спиртӣ, маводи нашъаовар ё психотропӣ бошанд. Барои исбот намудани чунин ҳолати меросгузор ҳама воситаҳои далелноккунӣ иҷозат дода мешаванд. Судҳо дар вақти баррасӣ намудани даъвоҳои мазкур бояд масъалаи таъин намудани экспертизаи судӣ-тиббӣ, судӣ-рӯҳшиносӣ ва ғайраро мавриди муҳокима қарор диҳанд.

13. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки васиятнома ва шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирии дар асоси он додашуда, танҳо бо ҳалномаи суд беэътибор дониста мешавад.

Асосҳои беэътибор донистани васиятнома бо меъёрҳои қатъии (императивӣ) ҳуқуқи моддӣ муқаррар карда мешаванд.

14. Ба ворисе, ки манзили истиқоматӣ (квартира) ё дигар манзили зист мегузарад, васиятгар ҳуқуқ дорад ӯҳдадории ба дигар шахс барои истифодаи якумра додани манзил ё қисми муайяни онро гузорад. Ҳангоми гузариши минбаъдаи ҳуқуқи моликӣ ба манзили истиқоматӣ ҳуқуқи истифодабарии якумра эътибори қонунии худро нигоҳ медорад.

Тибқи қонун ҳуқуқи истифодаи якумраи бинои истиқоматӣ бегона карда намешавад, ба дигар кас дода намешавад ва ба дигар ворисони меросгиранда намегузарад.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи бинои истиқоматие, ки ба меросгиранда пешниҳод шудааст, асос барои дар ҳамин манзил истиқомат намудани аъзоёни оилаи ӯ намегарданд, агар дар васиятнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

15. Меросгирӣ аз рӯи қонун мутобиқи навбат анҷом дода мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани васиятнома, беэътибор донистани он, қабул накардани мерос ё даст кашидан аз қабули он аз ҷониби ҳамаи ворисони тибқи васиятнома, инчунин дар ҳолати дар васиятнома қарор нагирифтани ҳамаи мерос, тибқи қонун ворисони навбати дахлдор меросро мегиранд.

Навбати меросгирӣ дар қонун муқаррар карда шудааст, бинобар ин ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки ҳар як навбати минбаъдаи меросгирони қонунӣ ҳуқуқи меросгириро дар сурати мавҷуд набудани меросгирони навбати қаблӣ, аз мерос бартараф гардидан, қабул накардани мерос ё аз мерос даст кашидани онҳо ба даст меорад.

Ҳангоми баррасии ин намуди парвандаҳо бояд дар назар дошт, ки бо ҳам зистани зану шавҳар бе қайди ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои ба амал омадани ҳуқуқи меросгирии онҳо тибқи қонун, асос шуда наметавонад.

16. Агар меросгир то кушода шудани мерос ва ё дар як вақт бо меросгузор вафот карда бошад, он гоҳ ҳиссаи меросии ӯ бо ҳуқуқи пешниҳод ба наслҳои дахлдори ӯ мегузарад. Ҳамзамон, ҳисса байни наслҳои дар хешу таборӣ якхела бо ворисӣ тибқи қонун буда, баробар тақсим карда мешавад. Мутобиқи муқаррароти мазкур, агар писар (духтар) пеш аз падар ё модари худ вафот карда бошанд, он гоҳ фарзандони онҳо тибқи ҳуқуқи пешниҳод ба мероси бобою бибӣ ҳуқуқ доранд. Дар чунин ҳолатҳо домоди (келин) шахси вафоткарда наметавонад тибқи ҳуқуқи пешниҳод ворис гардад.

17. Ба шумораи ворисони қонунӣ шахсони корношояме дохил мешаванд, ки дар мӯҳлати на камтар аз як сол то фавти меросгузор таҳти таъминоти ӯ қарор дошта, бо ӯ якҷоя зиндагонӣ карда бошанд.

Зери мафҳуми аъзои корношоями оила шахсони зерин фаҳмида мешаванд:

а) фарзандон, бародару хоҳарон ва наберaҳои ба синни 18 нарасида, ё аз ин синну сол калонтар, агар онҳо то расидан ба синни 18 маъюб шуда бошанд, зимнан бародарону хоҳарон ва наберaҳо – ба шарте, ки волидайни қобили кор надошта бошанд;

б) падар, модар, зан, шавҳар, агар онҳо ба синну соли зерини нафақавӣ расида бошанд: мардҳо – 63 сол, занҳо – 58 сол ё онҳо маъюб бошанд;

в) яке аз падару модар ё ҳамсар, бобо, бибӣ, бародар ё хоҳар сарфи назар аз синну сол ва қобилияти корӣ, агар онҳо кор накунанд ва машғули нигоҳубини кӯдакон, бародару хоҳарон ё наберaҳое бошанд, ки ба синни 8 нарасида саробонашон фавтидааст;

г) бобою бибӣ – дар сурати набудани шахсоне, ки мувофиқи Қонун онҳоро бояд таъмин кунанд.

Дар қатори ворисони қонунӣ, инчунин шахсони корношоями дар моддаҳои 1167-1168-и КГ нишондодашуда дохил шуда, вале ба доираи ҳамон ворисони навбати ба меросгирӣ даъватшуда шомил нестанд, агар на камтар аз як соли то фавти меросгузор, сарфи назар аз зиндагии якҷоя бо меросгузор дар таъминоти ӯ қарор дошта бошанд, якҷоя бо ҳамин навбат мерос мегиранд.

Муҳтоҷони корношоями меросгузор бо меросгирони навбатии ба меросгирӣ пешниҳодгардида, даъват мегарданд ва якҷоя бо ворисон мерос мегиранд. Ҳангоми мавҷуд набудани меросгир, муҳтоҷони гурӯҳи мазкур ворисони қонунӣ эътироф гашта, меросро ба тариқи мустақил дар шакли пурра мегиранд.

18. Таҳти мафҳуми корношоям дар таъминоти меросгузор қарор доштан, бояд ҳолате фаҳмида шавад, ки кумаки моддии расонидашудаи меросгузор асоси ягона ва сарчашмаи доимии таъминоти шахси мазкур бошад. Кумаки моддии мавсимӣ расонидашуда наметавонад, асос барои муқаррар кардани ҳолати таҳти таъминоти меросгузор қарор доштан гардад. Кумаки моддӣ бояд ба тариқи ҳатмӣ, бефосила то фавти меросгузор расонида шавад. Ҳолати таҳти таъминоти меросгузор қарор доштан дар суд аз рӯи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, кумитаҳои маҳаллӣ, Раёсатҳои манзилӣ, маъмурияти ҷои кор, шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоӣ пешниҳодшуда, инчунин нишондодҳои бебаҳсӣ шоҳидон, эътироф карда мешавад.

19.Новобаста аз мазмуни васиятнома, фарзандони ба балоғат нарасида ва ғайриқобили меҳнати васиятгар ва ҳамчунин падару модар (падархонду модархонд), ҳамсари ғайри қобили меҳнат сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми

мероси қонунӣ (ҳиссаи ҳатмӣ) тааллуқ дошт, мерос мегиранд.

Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки номгӯи шахсоне, ки ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ доранд ва дар моддаи 1171-и КГ қайд гардидаанд, қатъӣ мебошад.

Дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ доштани ворисон, суд метавонад васиятномаро дар қисми ҳиссаи ҳатмӣ беэътибор эътироф намояд.

Набера ва аберахо новобаста аз он ки аз рӯи ҳуқуқи пешниҳод меросгир мебошанд, дар сурати ғайриқобили меҳнат буданашон ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи ҳатмиро надоранд, зеро гирифтани ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмиро танҳо ворисони навбати якум доранд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки андозаи ҳиссаи ҳатмиро қонун муқаррар намудааст. Аз ин лиҳоз, васиятгар ҳуқуқ надорад онро тағйир диҳад ё ба тариқи дигар ба ҳуқуқҳои меросгирии ворисон нисбати ҳиссаи мазкур таъсир расонад.

Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки ҳангоми ҳисобӣ намудани ҳиссаи ҳатмӣ дар сурати мавҷуд набудани васиятнома ҳамаи ворисони қонунии ҳамон навбат, ки ба меросгирӣ пешниҳод гардидаанд, ба инобат гиранд.

Ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки вориси ба чунин ҳисса ҳуқуқдошта дар ин ё он асос мегирад, аз ҷумла арзиши молу мулк, ки аз ашёю анҷоми хона ва асбоби рӯзгор иборат аст ва арзише, ки ба фоидаи чунин ворис супориши васияткунандаи мерос муқаррар карда буд, ҳисоб карда мешавад.

Ҳама гуна маҳдудкунӣ ва вазнинкунӣ, ки дар васиятнома барои ворисӣ ба ҳиссаи ҳатмии мерос ҳуқуқдошта муқаррар гардидааст, танҳо ба он ҳиссаи меросӣ ба ҳисоби ӯ гузаранда дахл дорад, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд мебошад.

Агар вориси ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳуқуқдошта молу мулки меросиро дар мӯҳлати муқарраргардида қабул накунад ё аз мерос даст кашад, он гоҳ молу мулк ба ворисон аз рӯи васиятнома мегузарад.

Ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқи ворисони ҳиссаи ҳатмӣ дошта, суд масъалаи беэътибор донистани васиятномаро танҳо дар ҳамон қисме, ки ҳиссаи ҳатмиро ташкил медиҳад, баррасӣ менамояд.

20. Ҳуқуқи меросӣ тариқи васиятнома ё қонун ба ҳамсарон (зан ё шавҳар) дахлдошта ба ҳуқуқҳои дигари молу мулкии онҳо, ки бо ҳолати дар қайди никоҳ будан бо меросгузор, аз ҷумла ҳуқуқи моликият ба як қисми молу мулки дар никоҳи якҷоя ба даст омадааст, дахл надорад.

21. Гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ӯҳдадории ворис набуда, ҳуқуқи ӯ мебошад. Агар ворис чунин шаҳодатнома надошта бошад он асос барои рад кардани қабули аризаи даъвогӣ ва гум кардани ҳуқуқҳои меросӣ шуда наметавонад, агар мерос дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 1174-и КГ қабул шуда бошад.

22. Судҳо ҳангоми баррасӣ намудани масъала дар бораи қабули мерос бояд дар назар дошта бошанд, ки:

а) қабули мерос бо ягон шарту эзоҳот иҷозат дода намешавад;

б) воқеан ба соҳибияти қисми молу мулки меросӣ шурӯъ намудан ҳамчун қабули ҳамаи мероси ба кадом андозае набошад ва дар куҷое, ки ҷойгир набошад дониста мешавад. Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифт, ки номгӯи амалҳои ворис, ки воқеъан қабули меросро исбот менамоянд, кифоя нест. Аз ин рӯ, агар ворисе, ки якҷоя бо меросгузор зиндагӣ мекард аз мерос даст накашидааст ва истифода бурдани молу мулкро пас аз кушода шудани мерос идома медиҳад, метавонад меросро воқеъан қабулкарда эътироф карда шавад;

в) амалҳои зикргардида бояд дар давоми 6 моҳ аз рӯзи кушодани мерос ба анҷом расонида шаванд;

г) шахсоне, ки барои онҳо ҳуқуқи ворисӣ танҳо дар ҳолати қабул накардани мерос аз тарафи ворисони дигар ба миён меояд, метавонанд дар хусуси розигии қабули мерос дар давоми мӯҳлати боқимондаи қабули мерос эълон намояд ва агар ин мӯҳлат аз се моҳ кам бошад, пас он то се моҳ дароз карда мешавад;

д) масъала оид ба дароз кардани мӯҳлати гузаронидашудаи қабули мерос, агар дигар ворисон мавҷуд набошанд ё ин ки ворисон ба ғайр аз даъвогар аз мерос даст кашидаанд, аз ҷониби суд дар маҳали кушодашавии мерос бо ҷалб намудани намояндаи мақомоти молия ба

ҳайси шахси сеюм баррасӣ карда мешавад;

е) ба ворисе, ки мӯҳлати қабули меросро гузаронидааст, танҳо он қисми молу мулки ба ӯ мансуббуда, ки ворисони дигар қабул намудаанд ё ба давлат гузаштааст ва дар шакли аслӣ нигоҳ дошта шудааст ва ҳамчунин маблағҳое, ки аз фурӯши қисмати дигари молу мулки ба ӯ мансуббуда ба даст омадааст, дода мешавад.

Тарзҳои қабули мерос чунинанд:

а) ба мақоми нотариати маҳали кушода шудани мерос дар хусуси қабули мерос ариза пешниҳод намудан;

б) воқеан ба соҳибияти молу мулки меросӣ шурӯъ намудан.

Аз тарафи ворис исбот намудани воқеъан ба соҳибии молу мулки меросӣ шурӯъ намудан инҳо шуда метавонанд:

-маълумотномаи мақомоти манзилӣ-коммуналӣ ё маъмурияти маҳаллӣ дар бораи он, ки ворис то лаҳзаи вафоти меросгузор якҷоя бо ӯ зиндагӣ мекард, ё ин ки молу мулки меросгузорро дар давоми 6 моҳ пас аз кушода шудани мерос гирифтааст (агар маълумотномаи мақомоти манзилӣ-коммуналӣ дар бораи он, ки ворис ҳангоми дафни меросгузор қисми молу мулки ӯро гирифтааст пешниҳод гардад, он гоҳ маълумотномаи мазкур ҳамчун исботи қабули мерос бо роҳи ба соҳибияти молу мулки меросӣ шурӯъ намудани ворис дониста мешавад);

-маълумотномаи мақомоти андоз дар бораи он, ки пас аз кушода шудани мерос ворис маблағи андозҳои дахлдорро пардохт намудааст;

-маълумотномаи маъмурияти маҳаллӣ дар бораи он, ки ворис молу мулки ғайриманқулӣ меросиро истифода менамуд;

-дигар ҳуҷҷатҳо ва далелҳои тасдиққунандаи воқеъан ба соҳибияти молу мулки меросӣ шурӯъ намудани ворис.

Сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлат барои қабули мерос бояд ҳамон ҳолатҳое эътироф карда шаванд, ки ба ворис барои саривақт қабул намудани мерос бо асосҳои дар моддаи 1177-и КГ пешбинишуда, монеъ гардидаанд (масалан, ворис дар бораи кушода шудани мерос намедонист ё дониста наметавонист, гирифтори бемории вазнин буд, дар ҳолати оҷизӣ қарор дошт ва ғайраҳо). Хурдсолии ворис низ ҳолати ба соҳибияти мерос шурӯъ намудан эътироф мегардад, агар падару модари ӯ (дигар намояндагони қонунӣ) дар натиҷаи ба тариқи дахлдор иҷро накардани ваколатҳои қонунии ба зиммаи онҳо гузошташуда оид ба ҳифзи ҳуқуқи молу мулкӣ ва манфиатҳои шахси ба васоят гирифташуда, барои саривақт қабул намудани мероси кушодашуда тадбирҳо наандешида бошанд.

23. Агар ворис баъди кушода шудани мерос вафот карда бошад, он гоҳ то қабули мерос ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мерос ба ворисони ӯ (трансмиссияи ворисӣ) мегузарад. Меросгирони фавтида бояд меросро дар давоми на камтар аз се моҳи то охири мӯҳлати қабули мерос, ки боқи мондааст, қабул намоянд. Агар мӯҳлати мазкур аз се моҳ кам бошад, он бояд то се моҳ дароз карда шавад.

Дар вақти даст кашидан аз гирифтани молу мулки меросӣ тибқи трансмиссияи ворисӣ онҳо ба дигар ворисон мегузаранд.

24. Ворис дар асоси қонун ва тибқи васиятнома ҳуқуқ дорад, дар давоми 6 моҳ аз рӯзе, ки ӯ дар бораи ба меросгирӣ даъват гардиданаш донист ё бояд медонист, аз мерос ба фоидаи шахсони дигари ворисони навбатӣ метавонад, даст кашад. Дар сурате, агар даст кашидан аз мерос ба фоидаи якчанд ворисон амалӣ гардад, он гоҳ ӯ бояд ҳиссаи ҳар якеи онҳоро муайян созад, вагарна ҳиссаи шахси дасткашида ба ворисони қонунӣ гузашта байни онҳо баробар тақсим карда мешавад. Даст кашидан аз мерос пас аз гузаштани мӯҳлати муқарраргардида, аз эътибор соқит дониста мешавад.

25. Ҳангоми набудани мувофиқа дар масъалаи тақсими мерос байни ворисон тақсимот ба тариқи судӣ анҷом меёбад. Судҳо ҳангоми баррасӣ ва ҳалли ин гуна баҳсҳо бояд ба назар гиранд, ки кадоме аз ворисон меросро тибқи тартиби бо моддаи 1174-и КГ муқарраргардида қабул намудаанд, аз ин рӯ, онҳоро барои иштирок дар баррасии парванда ҷалб намуда муайян созанд, ки маҳз кадом молу мулк бояд тақсим карда шавад ва аниқ намоянд, ки арзиши ҳақиқии он дар мавриди баррасии парванда чӣ қадар аст. Ҳангоми тақсими молу мулки меросӣ меъёрҳое,

ки ҳиссаи умумии соҳибиятро ба танзим медароранд татбиқ карда мешаванд.

Мавриди баррасии парванда оид ба тақсими молу мулки меросӣ судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми тақсими мерос ворисоне, ки дар давоми сол то кушодашавии мерос якҷоя бо меросгузор зиндагӣ мекарданд, ҳуқуқи бартарӣ барои аз ҳайати мерос гирифтани хонаи истиқоматӣ, ҳуҷра ё бинои дигари истиқоматӣ, чунин асбобу ашёи хонаро доранд.

Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки пешниҳоди ворисе дорои ҳуқуқи бартарӣ оид ба он, ки ҳиссаи ворисони дигар дар шакли маблағи пулӣ ё дигар молу мулк ҷудо карда дода шавад, бояд ҳатман мавриди муҳокима қарор гирад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми амалӣ гардонидани ҳуқуқи бартарӣ ба асбобу ашёи хона, ки ба ҳайати мерос дохил мешаванд, иҷозати дигари ворисон зарур нест.

Дар вақти муқаррар намудани ҳиссаи ворисон дар молу мулки меросӣ судҳо набояд онро ба тариқи фоиз (25%, 33%, 50%, 66% ва ғайра), балки ба тариқи ҳисса, бо қисмҳо (4/1, 3/1, 2/1 ва ғайра) муайян намоянд.

26. Судҳо бояд ба эътибор гиранд, ки кредиторҳои меросгузор дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос, бояд ба ворисоне, ки меросро қабул намудаанд, талаботро сарфи назар аз мӯҳлати шурӯи талабот пешниҳод намоянд.

Мӯҳлати дар қисми 1 моддаи 1188 КГ муқарраргардида мумкин аст аз тарафи суд дароз карда шавад, агар суд сабаби гузаронидани мӯҳлатро узрнок эътироф намояд.

Риоя нагардидани ин қоидаҳо кредиторонро ба гум кардани ҳуқуқи талабот меорад.

27. Дар сурати ба мерос гузаштани хонаи истиқоматӣ, агар оиди истифодабарии қитъаи замини ба ин хонаи истиқоматӣ тааллуқдошта, баҳс ба миён ояд он гоҳ масъалаи мазкур бо дарназардошти моддаи 27 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

28. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки барои ҳар як аризаи даъвоии аввала, аризаи муқобили даъво, ҳамчунин аризаи шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд боҷи давлатӣ пардохта мешавад, ки он аз арзиши молу мулки баҳсии меросӣ ё ҳиссаи он рӯёнида мешавад. Ҳангоми қабули ҳалнома боҷи давлатие, ки пардохт нашудааст ё пурра пардохт нагардидааст бо дарназардошти арзиши молу мулки меросӣ мутаносибан ба ҳиссаи ҳар яке аз ворисон ситонида мешавад.

29. Бо қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1991 таҳти №2 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои РСС Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба парвандаҳои марбут ба мерос» аз эътибор соқит карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**